**Суратмаҷлиси № 28**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 23 феврали соли 2023 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, № 19/шд тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Каримова Ҳилола Қодиралиевна** дар мавзуи **«Тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ М. Нарзиқул, аъзои комиссияи экспертӣ А. Маҳмадаминов ва М.З. Низомӣ сухан гуфтанд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Каримова Ҳилола Қодиралиевна дар мавзуи «Тасвири бадеии воқеияти иҷтимоӣ дар насри мустанади Ӯрун Кӯҳзод» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Худойдодов Аъзам Овлододович** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 11.05.2023, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.